**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» доктори илмҳои филологӣ
_____________ Низомӣ М.З.
«14» октябри соли 2020

**Тақризи**

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Иноятова Зебинисо Подабоновна «Мавқеи муаллиф – ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)», ки барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.**

Мавзӯи таҳлилу таҳқиқи масъалаи воқеият ва бадеият дар осори публитсистӣ аз масъалаҳои муҳимми илми публитсистикашиносии тоҷик ба ҳисоб меравад. Бахусус, омӯзишу баррасии нақши муаллиф - ноқил дар осори публитсистӣ аҳамияти хосаро дорад. Таҳлили нақши ноқил дар асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев, аз ҷумла, дар осори публитсистиаш, дар шаклгирии сужету фабула, воқеият ва бадеияти осори мустанадаш аз паҳлуҳое ҳастанд, ки таҳқиқи илмӣ нашудаанд. Ва ин мавзӯъ дар рисолаи илмии Иноятова Зебинисо «Мавқеи муаллиф – ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)» мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст.

Муаллифи рисолаи илмӣ моҳияти масъалаи таҳқиқро илман дарк намуда, бо назардошти талаботи пажуҳиши илмӣ диссертатсияро аз муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт омода намудааст. Дар муқаддима мубрамият, дараҷаи омӯзиш, аҳамият, вазифа, нуктаҳои

асоси таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ ва монади ин муайян гардидааст. Обекти таҳқиқ осори публитсистии Ф. Муҳаммадиев, маҷмӯаи «Дӯстон тоҷи сар», қиссаи мустанади «Зайнаббибӣ» ва «Писари газета» буда, ба таври қиёс баъзан аз дигар осор низ истифода шудааст. Диссертант мавзӯи таҳқикро бо низоми муайяни илмӣ ва риояи мантиқӣ таҳия намудааст. Бобу фаслҳо ба якдигар алоқамандии мантиқӣ дошта, муназзамияти пажуҳиши илмӣ таъмин гардидааст.

Боби аввал - **"Таносуби воқеият ва бадеият дар асарҳои публитсистии Фазлиддин Муҳаммадиев"** се фаслро дар бар мегирад. Дар фасли аввали ин боб **"Оид ба шинохти ноқил дар насри публитсистӣ"** нақши ноқил дар чунин осор мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода мешавад. Муаллифи осори ёддоштӣ мушоҳидагари фаъол аст, ба шунидаву аз забони касе нақл кардани воқеаву ҳодисаҳо мақсади ӯ нест, балки худаш иштирокчиву ноқил аст, ба саргузашти худу дигар ҳамзамононаш арзиш медиҳад. Муаллифи диссертатсия З. Иноятова бамаврид зикр мекунад, ки таъсир ба шуури муосирон мақсади асосии ноқил аст. Муаллиф - ноқил ба нақли худ қонеъ нашуда, дар баъзе ҳолат аз забони қаҳрамонони асар мавқеи иҷтимоии худро баён месозад.

Дар фасли дуюми ин боб **«Симои ноқил дар асарҳои публитсистии Ф. Муҳаммадиев»** дар бораи инъикоси воқеият ва ҳақиқат сухан меравад. Маълум аст, ки муҳаққиқон ҳақиқатро ба тасвирҳои воқеиву бадеӣ ихтисос додаанд. Ҳақиқати бадеӣ дар пояи ҳақиқати воқеӣ бунёд меёбад. Муаллифи рисолаи илмӣ дар бораи муносибати нависанда Ф. Муҳаммадиев ба воқеоти ҳаётӣ ва муаммоҳои доғи рӯз андешаҳои қобили мулоҳиза баён мекунад, ки бозгӯи ҷустуҷуву мавқеи илмиаш мебошанд. Дар осори публитсистии Ф. Муҳаммадиев, аз ҷумла «Қиссаи Зайнаббибӣ» мавқеи ноқил - муаллиф ҳамеша муайян буда, аз ҷонибдор, бетараф ё зид буданаш ба рафтору муносибати ин ё он қаҳрамон дарак медиҳад.

Фасли сеюм **«Нақши тасаввур ва тасвир дар инъикоси фаъолияти шахсиятҳои фарҳангӣ»** тарзи баён ва воситаҳои тасвири бадеии нависандаро мавриди баррасӣ қарор додааст. Тавре маълум аст, осори ҳуҷҷатии Ф. Муҳаммадиев бо натиҷагирӣ анҷом меёбад. Дар қиссаҳои «Ёди накӯ», «Дар суҳбати Толис» ноқил худи нависанда буда, тавассути нақли дидаю мушоҳидаҳо хонандаро огоҳ месозад, ки инсон бояд дорои хислатҳои накӯи инсонӣ, меҳрубону дилсӯз, ғамхору дилёб бошад. Ин андешаву таҳлилҳои унвонҷӯ ҷолиб мебошанд. Муаллифи диссертатсия қайд мекунад, ки Фазлиддин Муҳаммадиев бо тасвиру ташбеҳ ва сухани бадей дар эссе ва очеркҳояш низ ба воқеият такя мекунад.

Дар боби дуюм **"Симои муаллиф дар партави воқеияти асарҳои нависанда"** осори публитсистие таҳлил шудаанд, ки муаллиф иштирокчии воқеа буда, мушоҳидагар, нақлкунанда ва баҳогузор мебошад. Ин гуна осор дар қолаби мактуб, мақола, лавҳа ва очерк эҷод шудааст. Фасли аввал **"Мавқеи муаллиф нисбат ба фарҳанг ва масъалаҳои адабиёту санъат"** ном гирифта, дар заминаи андешаҳои назарии муҳаққиқони публисистика Г. Боровик, В. Ученова, И. Усмонов, А. Саъдуллоев, М. Муродов ва дигарон осори нависада таҳқиқ шудааст. Дар очеркҳо симои муаллиф на танҳо дар услуби баён, балки дар мушоҳида ва маърифати муаллиф низ эҳсос мегардад.

Фасли дуюми ин боб **«Дидгоҳи муаллиф - ноқили воқеаҳо ба мушкилот ва проблемаҳои ҷомеа»** дахолати нависанда бо рафти воқеа, фикру мулоҳизаҳои ӯ дар бораи воқеаи тасвиршуда таҳлил мешаванд. Очерки «Оини муқаддас» бо назардошти воқеияти рӯз - дӯстии халқҳо эҷод шудааст. Унвонҷӯй дар натиҷаи таҳлил натиҷагирӣ мекунад, ки Ф. Муҳаммадиев зимни эҷод ба андешаҳои инсондӯстона такя мекунад ва бо ин махсусияти осори публитсистиаш возеҳу равшан мегардад.

Дар фасли сеюми боби дуюм **“Нақши мушоҳида дар ташаккули нақли муаллиф”** сухан оид ба далелу асноду факт чун ҷузъи асосии насри мустанад меравад. Мушоҳида ва мавқеи муаллиф рукни асосии ин навъи наср буда, Ф. Муҳаммадиев ҷузъиёти ҳодисаву воқеаро таҳлил мекунад, мушоҳида ва дидаву шунидаҳояшро дар ҳамбастагӣ бо бадеият дар қиссаву ҳикоя, ёддошту мақолаҳояш ҷой додааст.

Боби сеюм **«Хислатҳои вижаи ноқили воқеаҳо ва услуби нигориши нависанда»** унвон дошта, фасли аввал **«Муаллиф иштирокчии воқеаҳо дар насри воқеъгароёна»** як силсила очерку мақолаҳое, ки дар натиҷаи чорабиниҳои адабию фарҳангӣ, аз ҷумла даҳаи адабиёту санъат навишта шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Нависанда ҳангоми тасвир баъзан ба нақли воқеаҳои дигар пардохта, робитаи онҳоро бо ишораву усулҳои хос нишон медиҳад. Муаллифи рисолаи илмӣ Иноятова Зебинисо дар натиҷаи таҳқиқ ба хулоса меояд, ки ин ҳама ба маҳорати баланд ва истеъдоди фитрии нависанда вобаста аст.

Диссертант зимни таҳлил дар фасли дуюми боби сеюм **“Муаллиф - андешапарвар дар осори публитсистиву бадеӣ”** ба хулосае меояд, ки нависанда Ф. Муҳаммадиев дар ҳама осораш кӯшидааст, аз ҳақиқати воқеӣ дур наравад. Инсон ҳамон тавре зиндагӣ мекунад, ҳамон тавр дар тасвири воқеаҳо намудор мегардад. Ба ин хулоса унвонҷӯй дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқ ва қиёс омадааст.

Фасли сеюми боби сеюм **“Уфуқҳои инъикоси бадеии воқеият дар жанрҳои ҳаҷвии публитсистика”** осори ҳаҷвии нависанда таҳқиқ гардидааст. Унвонҷӯй ба хулосае мерасад, ки дар осори ҳаҷвии адиб нешханду киноя, истеҳзо ва монанди ин ба мавқеъ истифода шуда, ин осорро ҷолибу хонданӣ ва нишонрас намудааст.

Хулосаҳои дар натиҷаи таҳқиқ баровардаи муаллиф асоснок, илмӣ ва ҷавобгӯйи талабот мебошанд. Дар баробари ин рисолаи илмии Иноятова Зебинисо аз камбудиҳо холӣ нест:

1. Яке аз бобҳои рисола ба таҳқиқи жанрии асарҳои публитсистии Фазлиддин Муҳаммадиев бахшида мешуд, боз ҳам диссертатсия пурратар мегашт;
2. Агар асарҳои публитсистии Фазлиддин Муҳаммадиев дар қиёс бо осори дигар нависандагони публитсист таҳлил карда мешуданд беҳтар мебуд;
3. Дар саҳифаҳои кори диссертатсионӣ хатоҳои грамматикӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Норасоиҳои зикршуда арзиши диссертатсияи Иноятова Зебинисоро кам намекунанд. Муаллиф тавонистаст вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба хубӣ ба иҷро расонад. Автореферат ва мақолаҳои чопкардаи муаллиф мухтавои диссертатсияро ифода мекунанд.

Диссертатсияи Иноятова Зебинисо Подабоновна «Мавқеи муаллиф – ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)» таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи хуби илмӣ навишта шудааст. Он бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалиаш ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии факултети режиссура, кино ва телевизиони МДТ ”Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо

Турсунзода” 7 октябри соли 2020 мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифт. Дар ҷаласа 12 нафар иштирок намуда ба тарафдории тақризи мазкур 12 нафар овоз доданд, зид ва бетараф нест.

Раиси ҷаласа, декани факултети режиссура, кино ва телевизиони Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода”, доктори илмҳои филологӣ, дотсент Муъминҷонов Зулфиддин

Котиби ҷаласа, муаллими калони кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ Абдуллоева Адиба

Эксперт, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ Сабуров Абдунабӣ

Имзоҳои Муъминҷонов З., Абдуллоева А. ва Сабуров А.- ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои МДТ “ДДФСТ ба номи М. Турсунзода” Ҳомидова Зарина
8 октябри соли 2020

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Нишонӣ: 734032, ш. Душанбе,
хиёбони Борбад 73а,
Муассисаи давлатии таълимии
“Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода”
тел. +992(327) 231 05 57, 231 45 45
www ddst. tj
E-mail: tajartins@yandex.com

23.10.20